*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 118 (4538) | ПАНҶШАНБЕ, 22 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**20 сентябри соли 2022 суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев доир гардид.**

Зимни он натиҷаҳои нишасти сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар Самарқанд баррасӣ гардида, Пешвои миллат ба ҷанбаҳои ташкилӣ ва мундариҷавии он рӯйдоди муҳими минтақавӣ баҳои баланд доданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои пазироии гарм ва меҳмоннавозии анъанавӣ изҳори сипос намуда, натиҷаҳои вохӯрии сарони давлатҳоро, ки дар чорчӯбаи он бастаи қарору санадҳо оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти созмон қабул гардиданд, баланд арзёбӣ карданд.

Ҳамчунин, Президенти Тоҷикистон ба Президенти Ӯзбекистон дар бораи рушди охири вазъ дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Қирғизистон маълумот доданд.

Ҷонибҳо баъзе аз масъалаҳои муҳими муносибатҳои дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Ӯзбекистонро низ дар доираи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ баррасӣ карданд.

**www.president.tj**

## ИШТИРОКИ ВАКИЛОН ДАР ҶАЛАСА ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

**20 сентябри соли 2022 дар ҷаласаи мулоқоти намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва вакилони парлумонҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон вакилони Маҷлиси намояндагон, аъзои Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Азиззода Ғайрат ва Гиёзода Азиз Қодир иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Азиззода Ғайрат зимни баромадаш дар мавзӯи «Пешрафт дар самти такмили қонунгузорӣ ва татбиқи сиёсати иқлимӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, пешрафт дар иҷрои уҳдадориҳои ба зимма гирифташуда оид ба иқлим» чунин иброз намуд:

- Ҳифзи муҳити зист ва экология, инчунин сиёсати мамлакатҳо оид ба иқлим дар ҷаҳон, хоса дар кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаи мубрам ба шумор рафта, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили заминаи қонунгузорӣ ва татбиқи сиёсат оид ба иқлим таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Зикр гардид, ки дар миёни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистон ба таъсири тағйири иқлим осебпазиртар аст, зеро 93 дарсади қаламрави он кӯҳистон буда, яке аз манбаъҳои асосии захираҳои оби Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар ҳамин ҳол, 60 дарсади манобеи оби минтақа аз пиряхҳои Тоҷикистон сарчашма мегирад. Раванди обшавии босуръати пиряхҳо бошад, дар натиҷаи баланд шудани ҳарорати ҳаво боиси афзоиши офатҳои табиӣ ва таназзули экосистемаи обӣ гардид. Ин падида ҳар сол боиси хароб шудани иншооти хоҷагии халқ ва расонидани хисороти зиёди молӣ ба аҳолии кишвар мегардад.

Узви Кумитаи иқтисод ва молияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва узви Комиссияи экологӣ Гиёзода Азиз Қодир дар мавзӯи «Тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи тағйирёбии иқлим дар натиҷаи ҷаласаи форуми машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Чолпон-Ата» баромад намуда, диққати иштирокчиёнро ба саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тадбирҳои андешида дар самти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ҷалб намуд.

## МУЛОҚОТИ ҶАМШЕД МУРТАЗОЗОДА БО ВАЛИХАН ТУРЕХАНОВ



**Масъалаҳои муҳими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории байнипарлумонии Тоҷикистон ва Қазоқистон 20 сентябри соли равон зимни мулоқоти раиси Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Муртазозода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Валихан Туреханов баррасӣ гардид.**

Дар вохӯрӣ саҳми парлумонҳо дар таҳкими ҳамкориҳои гуногунсоҳаи ҳар ду кишвар низ муҳиму назаррас арзёбӣ шуд. Зикр гардид, ки ҳамкории фарҳангию башардӯстонаи Тоҷикистон ва Қазоқистон вусъат ёфта, мавриди дастгирии мардуми ҳар ду кишвар мебошад.

## ВОХӮРИИ АБДУҲАЛИМ ҒАФФОРЗОДА БО АЛЕКСАНДР ХВТИСИАШВИЛИ



**22 сентябри соли 2022 зимни мулоқоти Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо парлумони Гурҷистон дурнамои ҳамкории байнипарлумонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.**

Аъзои Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо парлумони Гурҷистон Абдуҳалим Ғаффорзода дар суҳбат бо муовини вазири корҳои хориҷии Гурҷистон Александр Хвтисиашвили зикр кард, ки Маҷлиси намояндагон ба рушду густариши бештари муносибатҳо бо Гурҷистон, аз ҷумла таҳкиму тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

- Барои ба сатҳи сифатан нав расонидани муносибатҳо, дар навбати аввал, беҳтарсозии кори Гурӯҳи дустӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Гурҷистон муҳим аст, - гуфт Абдуҳалим Ғаффорзода.

Инчунин, дар мулоқот доир ба аҳамияти робитаҳои байнипарлумонӣ ва тақвияти онҳо дар раванди ҳамгироии минтақавию байналмилалӣ табодули афкор сурат гирифт. Изҳори боварӣ карда шуд, ки тавассути муколамаҳои доимии байнипарлумонӣ робитаҳои дуҷонибаи парлумонҳо мазмуну мундариҷаи нав касб хоҳад кард.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,
мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ДАР ИШКОШИМ БУНЁДИ ИНШООТИ НАВУ ЗАМОНАВӢ БОМАРОМ ИДОМА ДОРАД

**Сокинони ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бахшида ба таҷлили ҷашни Истиқлолияти давлатӣ ва 30 - солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ободонию бунёдкориро ба роҳ монда, тибқи супориши Ҳукумати мамлакат иншооти зиёди ҷамъиятию маишӣ ва маъмурии нав сохта истодаанд.**

Тавре узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Ишкошим Мусо Мирзозода иброз намуд, сарпарасти асосии барномаҳои созандагию ободонии ноҳия Ҳукумати мамлакат буда, бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон варзишгоҳи марказӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 13, 21, бинои маъмурии нозироти андози ноҳия, комендатураи ҳарбиву хонаи фарҳанги деҳаи Лангар ба маблағи умумии зиёда аз 53 миллиону 400 ҳазор сомонӣ сохта шуда, дар муҳлатҳои муқарраргардида ба истифода дода мешаванд.

Бо мақсади сазовор таҷлил намудани 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022 таҳти № 311 «Дар бораи ҷашн гирифтани 35 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нақшаи чорабиниҳои корҳои ободонию созандагии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим, ки аз 104 банд иборат аст, мавриди амал қарор дорад. Тибқи он, сохтмони 16 иншооти нав бо арзиши 74 миллиону 400 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби вазорату кумитаҳо, се иншоот бо харҷи 5 миллиону 700 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, як иншоот бо маблағи 120 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, 30 иншооти дигар бо арзиши 74 миллиону 300 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби шарикони рушд ва 54 иншоот бо маблағи 10 миллиону 600 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ ба нақша гирифта шуда, дар бархе аз онҳо аллакай корҳои сохтмонӣ ва таъмиру навсозӣ оғоз гардидааст.

- Баъди ба истифода додани иншоот симои маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот ба куллӣ тағйир ёфта, сатҳу сифати зиндагии мардум боз ҳам беҳтар хоҳад шуд, - гуфт раиси ноҳия.

Зикр кардан бамаврид аст, ки тайи солҳои охир дар ноҳияи Ишкошим як қатор иншооти муҳими хоҷагии халқ, аз қабили марказҳои саломатии деҳаҳои Зонгу Вранг, беморхонаи минтақавии деҳаи Вранг, бинои маъмурии филиали № 72 - и Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», хатҳои оби нӯшокии деҳаҳои Лангар, Исор, Шитхарв, Удит, Баршор, Қозидеҳ, Гармчашма, инчунин, мумфарш ва чароғон кардани кӯчаҳои маркази ноҳия ва дигар иншооти гуногуни хизматрасонӣ аз тарафи Ҳукумати мамлакат ва бахши хусусӣ мавриди баҳрабардории сокинон қарор гирифт.

**М. ИМОМНАЗАР,
«Садои мардум»**



## «РОҒУН» – ЧАРОҒИСТОНИ ВАТАН

**АФСОНА НЕ, ҲАҚИҚАТ!**

Қабл аз он, ки роҳи сафар пеш гирем, бо директори генералии сохтмони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» Хайрулло Сафарзода тариқи телефон суҳбат доштем.

- Нигарон набошед, муаллима, дари коргоҳи мо барои шоирону нависандагон, аҳли илму адаб, фарҳангу ҳунар, рӯзноманигорон ҳамеша кушода аст. Марҳамат намоед. Бо Фарҳодҳои кӯҳкани афсонавӣ не, Фарҳодҳои воқеӣ рӯ ба рӯ ҳамсуҳбат шавед, - гуфт раис ва эҳтиромона афзуд: - Масъулинро огаҳ мекунам, шуморо истиқбол мегиранд.

...Киштии хаёл моро ба гузаштаи на чандон дур мебарад. Солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон. Ба ҳамон замоне, ки азоби бебарқӣ мекашидем, пиру ҷавон, хурду калон... Манзари ҳузнангезе, ранги заъфароне доштем. Шаҳру деҳаҳо, кӯчаву роҳравҳо, даруни бинову манзилҳо, хусусан, шомгоҳон ҳама атрофу акноф, торику зулмонӣ мешуд. Вазъ то ба ҳадде нигаронкунанда буд, ки на танҳо манзили одамон, корхонаҳои хурду миёна, ҳатто иншооти азими саноатӣ ҳам аз норасоии барқ маҷбур мешуданд, фаъолиятро тағйир диҳанд. Моҳҳои сарди тӯлонии зимистон, бебарқӣ, бегазӣ, беморӣ... Ин ҳама қариб буд чароғи умедро ба рӯзи равшан хомӯш созад... Вале ҳазорон шукр, ногаҳон ҳамон сон, ки дар лаҳзаҳои ҳассостарину рӯзу соатҳои мушкилтарини тақдирсози халқ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нидои ҷонбахши «Ман ба шумо сулҳ меоварам» ба мардум умеду боварӣ бахшиданд, дар он рӯзҳо ҳам ба халқ муроҷиат карда гуфтанд: «Роғун» ҳастии миллати мо ва ҳаёту мамоти давлати Тоҷикистон аст. Мо онро ба хотири ободӣ ва оянддаи дурахшони давлатамон, ҳарчанд дар шароити имрӯз кори сахт ва мушкилоти хорошикан аст, бунёд мекунем». Ин суханони Роҳбари давлат, ки бо ихлосу муҳаббат, имону эътимоди бузург ба азму ирода ва неруи хастагинопазири мардуми тоҷик садо доданд, паёми равшане буданд, ки дар дилҳо чароғи умедро барафрӯхтанд...

**АЗ АВРОҚИ ТАЪРИХ**

Сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» соли 1930 ҳамчун иншооти муҳими стратегии Иттиҳоди Шӯравӣ ба нақша гирифта шуда, корҳои омӯзишӣ дар он солҳои 60 – уми қарни гузашта, дар баробари бунёди НБО «Норак», ҷараён пайдо карданд. 7 сентябри соли 1971, дар мавзеи Ҷӯшони Майдон (имрӯза ҳудуди Роғун) бо иштироки Котиби аввали Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Ҷаббор Расулов, вазири энергетикаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Г.А. Непорожный, роҳбарон, фаъолон, аҳли адабу зиёиёни ҷумҳурӣ, оммаи васеи мардум ҷамъомади мутантан баргузор ва лентаи рамзӣ бурида шуд. Бунёди НБО «Роғун» оғоз гардид. Дар аввал шаҳрчаи сохтмончиҳо сохта шуда, минбаъд намояндагони 17 халқияту миллат дар бунёди неругоҳ ширкат варзиданд. То оғози солҳои навадуми асри гузашта 43 фоизи корҳои сохтмонӣ анҷом ёфтанд ва баландии сарбанди он ба 40 метр расид. Мутаассифона, бар асари пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ сохтмон қатъ гардид. Техникаву таҷҳизот ва дигар амволи неругоҳ ба яғмо рафтанд...

**ЭЪҶОЗИ ОРМОНҲО**

...Моро дар саҳни ҳавлии мудирияти корхонаи ҶСК «НБО «Роғун» корманди масъули он ҷавонмарди кушодачеҳра Сафарбек Ваlизода «хуш омадед» - гӯён истиқбол гирифт ва пурсон шуд, ки хоҳиши ба утоқи корӣ даромадан дорем ё аввал ба корзор назди коргарон рафтанием? Албатта, пешниҳоди дуюмро пазируфтем. Дар як фурсат аз рӯи ҳуҷҷатҳои шахсиамон рухсатнома омода карда, барои эҳтиёт тоскӯлоҳ (каска) ҳам доданд. Сардори гурӯҳи намояндагии фармоишгар ё худ масъули сарбандҳо, мутахассиси кордону пуртаҷриба Қурбонназар моро роҳбаладӣ кард. Ба мошин нишаста, сӯи коргоҳ роҳ пеш гирифтем. Баъди чанд лаҳза роҳбаладамон аз ронандаи мошин хоҳиш кард, ки онро нигоҳ дорад. Сипас, фаромад ва мо ҳам аз мошин берун шудем. Ҳаво гарм буд.

Ана, ин ҷо сарбанд аст, ҷои ғуншавии оби дарё. Дар пояи кӯҳ рӯз ба рӯзу соат ба соат об зам мешавад, - мефаҳмонад роҳбалад.

- Ин магар ҳамон сарбанд аст, ки Пешвои миллат ба бунёдаш оғоз бахшиданд? – пурсидем аз роҳбалад.

- Не, аз он лаҳзаҳои таърихӣ хеле муддат гузаштанд, дигаргуниҳои азим рӯи кор омаданд. Он сарбанд ҳоло пурра бо об маҳкам шудааст, - ҷавоб дод ӯ.

Роҳамон идома меёбад. Дар баландие қарор мегирем, ки аз он ҷараёни корҳои сохтмонӣ, техникаву таҷҳизоти муосир, мошинҳои сершумори боркаш, булдозеру экскаватор, автокранҳои пуриқтидор хеле пуршаҳомат ба чашм мерасанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# «РОҒУН» – ЧАРОҒИСТОНИ ВАТАН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Пас, аз чандин нақбҳои зеризаминӣ: нақлиётӣ, сохтмонӣ обқабулкунаки доимӣ ва нақбҳои конвеерӣ мегузарем. Лаҳзае тасаввур мекунем, ки гӯё ба қаъри кӯҳ не, балки як шаҳри азими зеризаминие ворид шудем. Роҳбаладамон Қурбонназар Давронов мегӯяд:

- Ба гурӯҳи иншооти асосии зеризаминии НБО «Роғун» толори мошинҳо, бинои трансформаторҳо, нақбҳои обқабулкунак, камераи васлгарӣ, нақби ҷараёнгузар ва коллекторҳо дохил мешаванд ва ӯ моро ба толори мошинҳо, толори трансформаторҳо, толори дарвозаҳо, бинои ҳафтошёнаи идораи неругоҳ роҳнамоӣ мекунад, ки хеле ҳайратовар аст.

- Бунёди толори мошинҳо ва трансформаторҳо бо насби қисми агрегатҳо амалӣ гардидааст ва он ба гуфти мутахассисон, дар ҷаҳон назир надорад,- мегӯяд бо ҳисси ифтихор вай ва мо ҳам ба ваҷд меоему беихтиёр аз дил мегузаронем : «Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар ҳақиқат, падидаи нодиру нотакрор ва муъҷиза аст.

Дар минтақаи ядрои асосии сарбанди НБО «Роғун» қарор мегирем. Ин ҷо корҳои зеризаминӣ бо ҷӯшу хурӯш идома дорад. Роҳбалад иттилоъ медиҳад, ки ин ҷо корҳои бетонгирӣ, сангу шағалхобонӣ бо суръати тез, ба таври шабонарӯзӣ ба роҳ монда шудаанд. Ҳар яки ин амалҳо зери назорати қатъии муҳандисону мутахассисони баландихтисос мебошад. Гурӯҳи сохтмончиёнро мебинем, ки дар ёнаҳои кӯҳ бо устувор кардан ва таъмини бехатарии сохтмончиён ва гурӯҳи дигар бо тахту ҳамворкунии таҳкурсиву рехтани бетон машғуланд. Гурӯҳи дигар канда шудани кӯҳпора ва дигар ҷинсҳои кӯҳиро пешгирӣ менамоянд.



Барои бунёди сарбанди НБО «Роғун» сохтмончиён нахуст дар сатҳи 965 метр ҷинсҳои сахти кӯҳиро пайдо карда, сипас, онҳоро аз лой ва дигар мавод тоза мекунанд. Танҳо пас аз муайян кардани пурра ҷавобгӯи талабот буданаш ба хобонидани бетон иҷозат дода мешавад. Пеш аз он ки таҳкурсӣ гузошта шавад, бо усули бофтан арматура баста мешавад. Барои иҷрои ин кор аз ҳама минтақаҳо кафшергарон даъват шудаанд, - мегӯяд Қурбонназар Давронов.

Бо чанд тан аз коргарон, ки худро муҳандису васлгар, нақбкан, кафшергари газию барқӣ, ронандагони техникаҳои гуногун, сардорони ширкатҳо, устоҳои қитъаҳои сохтмонӣ, челонгар, истеҳсолотчӣ, барқчӣ муаррифӣ карданд, аз ҷумла, Хоҷамурод Азимов, Шамсиддин Нуралиев, Музаффар Зайниддинов, Бобаки Кайҳону Афшин аз Эрон ва дигарон ҳамсуҳбат мешавем. Суҳбати моро садои таркишу резиши сангу хок, чақ-чақи путкҳо ва ғурроси таҷҳизоти дар боло насбшуда, фарёди кӯҳкани «БелАз» халалдор мекунанд, вале мо аз рӯҳияи болида ва хушгӯиҳои мусоҳибонамон дармеёбем, ки ҳарчанд заҳматашон бисёр нозук асту устуворию қатъият, масъулият ва иродаи қавиву таҳаммул мехоҳад, онҳо хаставу дилгир нестанд. Бо ҳам аҳлонаву дӯстона корҳоро дар зери замин анҷом медиҳанд, вале инро гӯё эҳсос намекунанд. Бо рӯҳияи баланди ватандӯстона изҳор медоранд, ки саҳм гузоштан дар бунёди иншооти муҳиму тақдирсоз - Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба ҳар яки мо шараф ва ифтихор мебошад. Барои меҳнати пурсамар, истироҳати хушу бофароғат ҳама шароит фароҳам оварда шудаанд. Дигаронро ҳам даъват мекунем, ки ин ҷо биёянд. Бо дастури Сарвари давлатамон, кор набояд ин ҷо лаҳзае қатъ гардад ва касе ба бунёди он саҳм мегузорад, номаш дар китоби таърих бо ҳарфҳои заррин навишта мешавад, - мегӯянд боифтихор онҳо.

Бисёр мехоҳем дасти ҳар якеро бифшорем, дар ҳаққи ин ҷавонони заҳматкашу сарбаланд беҳтарин суханҳоро гӯем, ба худашон, волидайну устодонашон, ки онҳоро чунин меҳнатдӯст, ватанпараст, хештаншинос, қобилу хушахлоқ, ҳушманду зирак, зиндадилу хушзавқ ба камол расонидаанд, ҳазорҳо ҳамду сано хонем... Модарона даст ба дуо мекушоем. Орзу мекунем: «Ҳамеша тансиҳат, сарфарозу саодатманд, комёбу муваффақ, хонаобод бошед. Вақти хуш, рӯзҳои неку пурфайз, умри дарози пурбаракат бубинед. Ҳамнишинатон фақат инсонҳои хуб, солеҳу покдил бошанд».

**ҲАДИСИ РАҚАМҲО**

Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар силсилаи неругоҳҳои рӯди Вахш аз боло нуҳум буда, дар минтақаи 110 километр дуртар аз шаҳри Душанбе ҷойгир аст. Неругоҳ аз шаш агрегат иборат аст, ки қудрати ҳар кадом 600 мегаваттро ташкил медиҳад. Сарбанди Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо баландии 335 метр баландтарин садди сангию хокӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт/соат), калонтарин неругоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд, ки он нисбат ба иқтидори истеҳсолии Неругоҳи барқи обии «Норак» якуним баробар зиёд мебошад. Барқи аз ҷиҳати экологӣ тозаи неругоҳ имконият медиҳад, ки эҳтиёҷоти ба барқдоштаи Тоҷикистонро комилан қонеъ карда, барои инкишофи иқтисодиёти кишвар такон бахшад.

Барои корҳои барқарорсозӣ ва сохтмони НБО «Роғун» дар давраи соҳибистиқлолӣ бештар аз 12,5 миллиард сомонӣ маблағ аз худ карда шудааст. Айни замон дар ин иншооти муҳими аср 35 ширкати ҷаҳонӣ ҷалб гардида, зиёда аз 10 ҳазор нафар мутахассисону коргарон машғули кор ва зиёда аз 3 ҳазору 200 адад техника ва мошину механизмҳо сафарбар гардидаанд...

**«РОҒУН» - САРЧАШМАИ НУРУ ЗИЁ АСТ**

Аз оғози корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо заҳмату талоши шабонарӯзии масъулин ва кормандони муҳандисию техникии ин иншооти бузурги аср то ба ҳол ду агрегати он, солҳои 2018 - 2019 сохта, ба истифода дода шудааст. Дар нақша аст, ки бо назардошти омилҳои объективию субъективӣ соли 2025 сохтмони агрегати сеюм, соли 2027 агрегати чорум ва то соли 2029 - 2031 агрегатҳои панҷуму шашум ба анҷом расонида мешаванд. Он ҳама азму ҷазму ҷоннисориҳо, он ҳама талошу кӯшишу заҳмат ва далерию мардонагиҳо, сабру таҳаммули бунёдгарони неругоҳро, ки мо худ дидему умеду боварро дар чашмони шарарборашон хондем, гувоҳ бар он буд, ки нақшаҳо дар муҳлатҳои муайяншуда ба иҷро хоҳанд расид. Дигар мардум аз бебарқӣ азият нахоҳанд кашид. Тоҷикистон нурборон, чароғистон хоҳад шуд ва нури ҷонафзои он хонадони ҳамсояҳои моро низ гарму пурзиё хоҳад кард. Дар дил хоҳише пайдо мешавад, ки номи чанд нафар беҳтаринҳоро ин ҷо сабт намоем, то дигарон низ аз кору қаҳрамониҳояшон огоҳ бишаванд. Инҳо Холмӯъмин Толибов - ронандаи қитъаи СМР, Маҳмадраҷаб Асоев - таъмиргари қитъаи КСВ СМР, Ҳайдаршо Аҳмадов - муҳандис, Сулаймон Холмирзоев - сардори қитъа, Гулбаҳор Солеҳова - хабардеҳи дараҷаи сеюми қитъаи бехатарии кӯҳӣ ва корҳои таркишӣ, Акрам Авғонов - таъмиргари дараҷаи шашуми сарқитъаи механиконидашуда, Саидбек Раҳмонов - устои хоҷагии истеҳсолии қуму шағали рақами 10 РСИ дар шаҳри Роғун, Абдусамад Давлатов - оператори хати конвейерии қитъаи бетоншӯрӣ, Шӯҳрат Раҳмонов - сардори шуъбаи лабораторияи санҷишии РСИ дар шаҳри Роғун, Зоир Назаров - ронандаи мошини сабукрав, Юсуф Мукаммалов - муҳандиси пешбари шуъбаи истеҳсолӣ- техникӣ... Албатта, рӯйхатро метавон боз ҳам идома дод, вале мо бо ҳамин иктифо карда мегӯем: «Сано бодо, ба якояки шумоён, диловарони арсаи корнамоиву қаҳрамониҳо, ки бо эъҷози дастони сеҳрофару дили пуроташи худ манзилу дилҳои мардумонро гарму равшан мекунед! Ҳаргиз хаста набошед!».

**Роғун бинои ваҳдату ҳамбастагии мост,**
**Рафъи ҳазор мушкилу ҳам хастагии мост.**
**Чун арсаи садоқату номуси миллат аст,**
**Роғун, ки рамзи қудрату пайвастагии мост.**

Бале, НБО «Роғун» танҳо неругоҳ нест, балки он нангу номус ва иттиҳоди мардуми тоҷик аст.

**«РОҒУН» - ТАҶАССУМИ ИШҚИ ВАТАН**

- Ҳар гоҳ НБО «Роғун» мегӯем, номи муборaку симои гарм ва нигоҳҳои меҳрбори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шукӯҳи хос пеши назар меояд. Зеро таҷдид ва эҳёи ин шоҳкории беназир аз тасмимҳои сарнавиштсози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, - мегӯяд ҳангоми суҳбат бо мо директори истеҳсолии ҶСК «НБО «Роғун» Анвар Раҳмонов, ки аз рӯзҳои нахустини оғози кор то ба ҳол дар ин иншоот пурсамар фаъолият дорад. Вай саҳифаҳои таърихи шурӯъ ба кор, мушкилиҳо, садду монеаҳо, роҳҳои бартарафсозии онҳоро пешорӯи мо варақгардон месозад. - Эҳёи НБО «Роғун» - гуфт, Анвар Раҳмонов, - гаронтарину бузургтарин имтиҳони миллат дар пеши таъриху ҷаҳон буд. Фишору маҳдудиятҳо аз хориҷи кишвар зиёд буд ва кам нафарон ба эҳёи дубораи он бовар доштанд. Сабабу баҳона пеш меоварданду «наметавонед» - мегуфтанд. Пешниҳоди Ҳукумати мамлакат бо ташаббуси бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Бонки ҷаҳонӣ ҷиҳати озоду шаффоф анҷом додани ташхису озмоиши лоиҳаи НБО «Роғун» қариб чаҳор сол идома ёфт. Ташхиси байналмилалӣ собит сохт, ки бунёди НБО «Роғун» имконпазир аст ва сохта ба истифода додани он на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои кишварҳои ҳамсояву Осиёи Марказӣ ва минтақа ҳам муфид хоҳад буд. Ҳамин тавр, бунёди НБО «Роғун» бе ягон маблағи қарзӣ оғоз ёфт. Дар бунёди он бештар аз замони шӯравӣ мутахассисону кормандони хориҷиву дохилӣ ҷалб карда шуданд ва муддате нагузашта, ҷаҳониёнро ба ҳайрат овард. Вақте ки аз хориҷа меҳмонони баландпоя ва мутахассисони соҳа омаданду ҷӯшу хурӯши корҳо, техникаҳои муосир, таҷҳизоти пуриқтидорро диданд, дар ҳайрат монданд. Ҳатто вақти вазири энергетика ва саноати Афғонистон ҳайраташро пинҳон карда натавониста гуфт: «Ба давлати мо ҳамчун кишвари осебпазир хеле кумакҳои башардӯстона мерасанд. Вале, сад афсӯс, ки мо ба мисли Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Пешво надорем...» Пас, чӣ тавр, мо - тоҷикон аз Пешвои худ наболему нафахрем? Пеши хираду заковат, ҳиммату мардонагиву корнамоиҳои қаҳрамононаашон сари таъзим фуруд наорем?

Бо як ҷаҳон таассурот, эҳсоси саршори ифтихор аз Ватану ватандорӣ, Пешвои миллат, шукргузорӣ аз ободӣ, осоиштагӣ, пешрафт, созандагӣ аз шоҳкории муҳташами НБО «Роғун» - Кохи фардоафрӯзи Ватан ба пойтахти кишвар бармегардем. Бо эътимоди қавӣ ба он, ки НБО «Роғун» бо ҳама ҷалолу шукӯҳу шаҳоматаш дар марҳилаҳои наздиктарин бунёд мешавад ва бо нуру равшании ҷовидонааш на танҳо Тоҷикистон, балки оламро фурӯзон месозад.

---

**Мавлуда ШАРИФЗОДА,**
**узви Конфедератсияи байналмилалии журналистон,**
**Хуҷанд - Душанбе - Роғун - Душанбе - Хуҷанд**

# АВВАЛ ЭЪЛОМИЯ БУД...

**Чанде қабл дар ҳама гӯшаву канори ҷумҳурӣ 31 - солагии Истиқлолияти давлатӣ бо ифтихору фараҳмандӣ таҷлил гардид.**

Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои миллати шарафманди тоҷик, воқеан, ҷашни муқаддас маҳсуб меёбад, зеро хиради азалии миллати тоҷик ва садоқату далерии фарзандони ватандӯст ва сарсупурдаи миллат дар лаҳзаҳои сангини таърих, ки солҳои аввали истиқлолият ба сари аҳолии мамлакат омад, тавонист ҳам кишвар ва ҳам мардумро аз вартаи бало раҳоӣ бахшанд. Дари рӯзгори тинҷу осуда, сулҳу ваҳдат ва рушду тараққиётро ба рӯямон боз намояд. Ҳоло бо хушиву хурсандӣ ба сар мебарему ҷасорату қаҳрамонии онҳоро аҳсан мегӯем. Вале қаҳрамони асосӣ дар он марҳалаи тақдирсоз ва минбаъд низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Бояд эътироф намуд, ки дастовардҳои бузурги мамлакат дар даврони истиқлолият бо номи фарзанди асил, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита алоқаманданд. Ин дастовардҳо кадоманд? Аввалин ва бузургтарин дастовард ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар харитаи ҷаҳон пайдо гардида, ба узвияти комилҳуқуқи СММ пазируфта шуд. Роҳбари давлати тоҷикон аз минбари ин созмон суханронӣ намуд. Ҷанги шаҳрвандӣ хотима дода шуда, сулҳу оромӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ дар кишвар пойдор гашт. Дар самти эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ, ҳамчунин расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ қадамҳои устуворона гузошта шуд. Таърихи фарҳанг, расму оини миллии тоҷикон ба ҷаҳониён муаррифӣ гардид. Дар мамлакат даҳҳо неругоҳҳои барқии хурду бузург, шоҳроҳҳои автомобилгарду роҳи оҳан, пулу нақбҳо бунёд ёфтанд. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ қариб 50 маротиба, даромадҳои буҷетӣ беш аз 90 маротиба афзуданд. Теъдоди муассисаҳои илмиву фарҳангӣ ва маорифу тандурустӣ сол то сол зиёд мешуданд, ки ин ҳама натиҷаи азму талош ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Вале ин ҳама рушду тараққиёт аз куҷо маншаъ мегирад?

Охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта давлати абарқудрати шӯравӣ ба буҳрони шадиди иқтисодиву сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид. Корхонаҳои зиёд аз фаъолият бозмонда, бекорӣ афзуд. Коргарон маош гирифта наметавонистанд. Норизоӣ дар байни омма меафзуд. Пеш аз ҳама, ҷумҳуриҳои соҳили Балтика нақшаҳои ҷудошавӣ аз ИҶШС-ро тарҳрезӣ мекарданд. Вазъ дар дигар ҷумҳуриҳои иттиҳод низ рӯз то рӯз тунду нооромтар мегардид.

25 феврали соли 1990 дар ҷумҳурии мо интихоботи депутатҳои халқии Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум гузаронида шуд. Ба парлумони якпалатагии давр 230 нафар депутат интихоб шуданд. Вале интихобот дар шароити бетартибиҳо дар пойтахти кишвар доир шуд. Метавон гуфт, ин бетартибиҳо шарорае буд, ки пасон алангаи ҷанги шаҳрвандиро дар мамлакат ба вуҷуд овард.

Вазъи ноороми ҷумҳуриҳои иттифоқӣ депутатҳои Шӯрои Олии Тоҷикистонро низ нигарон кард. Ҳар як ҳодиса дар гӯшаву канори Иттиҳоди Шӯравӣ таҳлил ва мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Дар кишвари мо низ вазъ хуб набуд. Аксар корхонаҳо оҳиста-оҳиста аз кор монданд. Коргарон музди меҳнаташонро намегирифтанд. Гурӯҳҳои иртиҷоӣ ва мухолифи давлат пайдо гардида, неру ҷамъ менамуданд.

Вакилони Шӯрои Олии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум аллакай дар иҷлосияи нахустин ба хулосае омаданд, ки пароканда гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ амри ногузир аст ва бояд нақшаи ояндаи кишварро тарҳрезӣ намуд. Пеш аз ҳама, пояҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодии давлатро устувор намуда, онро аз парокандагӣ эмин доштан ва пеши роҳи неруҳои мухолифро, ки аз ҷониби бадхоҳони миллати тоҷик дастгирӣ меёфтанд, гирифтан зарур буд.

Бо ҳамин мақсад Президиуми Шӯрои Олӣ ва вакилони халқ ду тан - раиси Комиссияи Шӯрои Олӣ оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ, ҳуқуқ ва муроҷиати шаҳрвандон шодравон Нурулло Ҳувайдуллоев ва раиси Комиссия оид ба масъалаҳои кори шӯроҳои вакилони халқ ва худидораи маҳаллӣ Абдусаттор Ҷабборовро вазифадор намуданд, ки матни Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва ба Президиуми Шӯрои Олӣ пешниҳод намоянд. Онҳо низ бузургии масъулияти ба зиммаашон вогузоштаро хеле амиқ дарку эҳсос менамуданд ва бо ҷиддияти том ба кор оғоз бахшиданд. Ба қавле, сесаду шасту шаш паҳлуи ҳар калима амиқ санҷида мешуд. Ҳар ҳарфу ибора таҳлил мегардид. Нафарони зиёд бо маслиҳату пешниҳод ба таҳиягарон ёрӣ расонидан мехостанд. Пас аз он ки матни эъломия қариб омода гардид, аз ҷониби гурӯҳи вакилон матни дигар низ пешниҳод шуд. Тӯли 15 рӯз матни мазкур мавриди омӯзиши дақиқ қарор гирифта, баъзе аз нуктаҳои он дар матни асосии эъломия ҷой дода шуд.

Дар моддаи 1- уми Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи мафҳуми Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун «ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ» сабт гардид, ки қадами хеле ҷиддӣ дар роҳи расидан ба истиқлолияти комил буд. Дар эъломия бори аввал андешаи таҷзияи ҳокимият ба шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ баён ёфт. Нуктаи муҳими дигар он буд, ки корхонаву муассисаҳои давлатӣ, воситаҳои асосии истеҳсолӣ, муомилоти фондҳо ва амволи дигар моликияти давлатии ҷумҳурӣ дониста мешуданд. Яъне, дар эъломия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доштани тамоми ҳудудҳо ва моликияти мамлакат хеле ҷиддӣ таъкид мегардид. Ҳарчанд ҳанӯз ҳам ҷумҳурии мо расман ба ҳайати ИҶШС дохил мешуд, тибқи эъломия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дошт ҳама масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро мустақилона ҳал намояд. Ба истиснои масъалаҳое, ки ихтиёран ба салоҳияти ИҶШС дода мешуданд.

Матни эъломия ба Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олӣ пешниҳод гардид. Дар он айём шодравон Қаҳҳор Маҳкамов сарварии кишварро ба уҳда дошт. Ба минбар аввал шодравон Н. Ҳувайдуллоев ва сипас А.Ҷабборов баромад. Ҳар ду оид ба шарҳи баъзе қисматҳои матни эъломия маърӯза карданд. Вокуниши вакилон ҳар гуна буд. Бархе ақида доштанд, ки кишвар ва халқи мамлакат ҳанӯз ба соҳибистиқлол будан омода нестанд, бархе бо дағалӣ таҳиягарони эъломияро ба ҷои нишасташон баргардондан мехостанд. Маърӯзаҳо ва суолу ҷавоб атрофи моддаҳои матни эъломия қариб се соат тӯл кашид. Вале ҳамон рӯз - 24 августи соли 1990 Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва ҳама вакилон аз ҷой бархеста, тӯли қариб ним соат кафкӯбӣ намуданд. Ин санади нахустин буд, ки Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон кард.

Кӯшиши табаддулоти давлатӣ бо номи «ГКЧП», ки пас аз як сол - моҳи августи соли 1991 ба амал омад, мавҷи пошхӯрии комили Иттиҳоди абарқудрати Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои аъзои онро тезонд. Ин мавҷ ба Тоҷикистон низ расид. Зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба эъломия ба вуҷуд омад. Дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олӣ, ки 9 сентябри соли 1991 баргузор шуд, ба он тағйирот ва иловаҳо ворид шуда, Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки дар он чунин омадааст: «Тағйироти инқилобиро дар Иттифоқи Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ ба назар гирифта, мувофиқи Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон... Шӯрои Олӣ Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон мекунад». Пас аз он Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарори махсус қабул кард.

---

**Н. НИЗОМӢ,**
**«Садои мардум»**

# РАШТ: БАРОИ ТАШРИФИ САЙЁҲОН ҲАМА ШАРОИТ МУҲАЙЁСТ

**Ноҳияи Рашт дорои мавзеъҳои зиёди сайёҳӣ буда, бо табиати зебояш метавонад дили сайёҳони дохиливу хориҷиро тасхир созад. Сокинони ноҳия баҳри ободу зебо гардонидани мавзеъҳои тамошобоб ва фароҳам овардани шароити мусоиди сайру саёҳат барои сайёҳон саъю талош доранд. Бо назардошти шароиту имкониятҳои мавҷуда, аз ҷониби бахши рушди сайёҳии ноҳия барои рушди ин соҳаи афзалиятнок як қатор корҳо иҷро карда шуданд.**

Чанде пеш соли ҷорӣ бо иқдоми Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт машварат дар мавзӯи «Ташкили дурусти ҷамъоварии омори сайёҳӣ» баргузор гардид. Дар он роҳбарони ташкилоту муассисаҳои дахлдор ва субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, аз ҷумла намояндагони меҳмонхонаҳо ва ошхонаю тарабхонаҳо фаъолона ширкат карданд.

Ҷиҳати муҳайё намудани шароити фароғату истироҳати сайёҳони дохилию хориҷӣ бо ташаббуси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ дар ноҳия се меҳмонхона ва як хостел бо фарогирии 51 ҳуҷра ва 150 рахти хоб сохта шуда, мавриди истифодабарӣ қарор доранд.

Дар ҷамоатҳои деҳоти ба номи Боқӣ Раҳимзода, «Ҳоит», «Ҷафр» ва «Аскалон», ки мавзеъҳои асосии сайёҳии ноҳия ба шумор мераванд, 15 ҳомстей (меҳмонхона дар манзилҳои истиқоматии шаҳрвандон) ба қайд гирифта шуда, барои қабули сайёҳон пурра омода мебошанд.

Дар мавзеи Нуҳбоғи дараи Камароб аз ҷониби соҳибкор Маҳмадроиб Шоев меҳмонхонаи хурд, ҳаммом ва ҳавзи шиноварӣ бунёд гардидааст. Дар ин мавзеъ бунёди ҳавзи моҳипарварӣ ва катҳои истироҳатӣ ба нақша гирифта шуда, корҳои сохтмонӣ дар ин самт идома доранд.

То ҳол дар ноҳия ҳашт хатсайри сайёҳӣ таҳия гардидааст. Хатсайрҳои таҳиягардидаи экологӣ, фарҳангию таърихӣ, агро-экосайёҳӣ, кӯҳнавардӣ ва истироҳатӣ буда, амалӣ намудани онҳо аз моҳи апрел то моҳи октябр имконпазир мебошад.

Бино ба иттилои расида, танҳо дар шаш моҳи аввали соли равон, мувофиқи ҳисоботи оморӣ ба ноҳия 1241 сайёҳ, аз ҷумла 1159 сайёҳи дохилӣ ва 82 сайёҳи хориҷӣ ворид гардидааст. Масъулон кӯшиш доранд, ки бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда барои ҷалби боз ҳам бештари сайёҳон ба ноҳия заминаи мусоид фароҳам оваранд.

---

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

# МОРАТОРИЙ БА СОҲИБКОРОН ЧӢ САБУКӢ ОВАРД?

**16 - уми марти соли 2022 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» ба тасвиб расид, ки муҳлати амали он то 1 январи соли 2023 муқаррар гардидааст. Ҳадаф аз эълони мораторий, пеш аз ҳама, дастгирии соҳибкорон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя, ташкили ҷойҳои нави кор ва кам кардани санҷишҳо мебошад. Дар робита ба он бо чанд тан аз соҳибкорони шаҳри Кӯлоб ҳамсуҳбат шудем.**

Соҳибкор Илҳом Мирзоев, ки ба фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ машғул аст, бо қаноатмандӣ гуфт, ки дастгириҳо нисбат ба соҳибкорон ва таъсиси ҷойҳои нави кор сол аз сол беҳтар гардида истодааст. Аз рӯзе, ки мораторий эълон гардид, санҷишҳо кам шуданд. Солҳои гузашта санҷишҳо ва ташвишҳо зиёд буданд. Мақсади эълони мораторий аз санҷишҳо озод будан аст.

Соҳибкори дигар Хайриддини Туйчӣ аз мағозаи «Ҳафтбародарон»-и шаҳри Кӯлоб чунин иброз дошт:

- Мораторий, пеш аз ҳама, барои мо сабукӣ меорад. Дар муддати як сол метавонем фаъолиятамонро равнақ бахшем.

Сокини ноҳияи Восеъ Қамариддин Неъматов, ки 13 сол боз соҳибкор аст, аз дастгириҳои пайвастаи Сарвари давлат ва Ҳукумати мамлакат изҳори сипос кард ва гуфт, ки фаъолияти соҳибкорӣ нисбат ба солҳои қаблӣ рӯ ба пешравӣ ниҳодааст. Бахусус, супоридани маблағи андоз аз тариқи электронӣ кори онҳоро нисбатан осон гардонидааст.

- Мораторий ҳам барои дастгирии соҳибкорон ва ҳам ба рушди соҳаи соҳибкорӣ мусоидат намуда, санҷишҳои бамаврид ба манфиати кор аст, - афзуд Қ. Неъматов.

Дар ҳақиқат, эълони мораторий соҳибкоронро рӯҳбаланд кардааст. Вале мораторий эълон шудааст гуфта, набояд бемасъулиятӣ зоҳир кард.



---

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# МОҶАРОИ ДОИРА



Гурез САФАР,
Нависандаи
халқии Тоҷикистон

**Мехоҳед дар бораи як моҷарои хонаамон ба шумо нақл кунам? Пас, гӯш кунед.**

Додаракам Алиҷонро баъди табобати дурудароз ба хона оварданд. Аввал модарам ба пешвоз баромад, Алиҷонро ба оғӯш кашида, аз ду бари рӯяш гаштаву баргашта чалап-чалап бӯсид. Баъд пойандозу сафедӣ партофтанд. Ҳамин дам касе таклиф кард, ки доираро биёранд.

- Ҳа, ҳа, доираро биёред, - Худо дод модарамро. - Алиҷон аз таги теғ бароядy хапу дам пешвозаш гирем? Салим, чӣ шах шудӣ? Рафта доираро биёр! - каме омирона гуфт ба акаам.

- Адолат, карӣ, намешунавӣ? - гӯё модар ба ӯ дӯғ зада бошад, ки аламашро аз хоҳарам ситонданӣ мешуд акаам. - Зуд доираро биёр! Э, Худо гирад ҷорӯби дастатро. Вақти рӯфтанатро ёфтӣ, артистка.

- Доира, доира. Дар куҷое дида будам онро, - фикркунон ба хона даромад Адолат. Дере нагузашта сарашро аз тиреза бароварда, дод зад:

- Валӣ, ҳо Валӣ! Доира ку? Надидӣ онро?

- Доираи туро ба сарам мезанам ман, Зулфӣ? Доираат ба худат даркор, ки заниву рақсӣ.

- Э, Худо гирад туро, суланг, - шунида шуд дӯғу пӯписаи падарам. - Нармтар гап занӣ, мемурӣ, ки ин қадар дағалӣ мекунӣ бо апаат?

- Эъ, причём ин ҷо дағалӣ-пағалӣ? Надидам ман доира-поираро.

- Ду рӯз пеш дар дасти Вайс дида будам онро, - ба хабаркашӣ даромад Раънояк, - Ҳалқаҳои гирди косаашро канда, пардаи тирезаашро соз мекард.

- Вайс, ҳо Вайс. Куҷо гум шудӣ? Э, паят канда!

- Хоб аст, бедораш кунам? - ба сӯи хонаи дарун давид писари акаам Салом.

- Ин чӣ бало хоб аст, ки ним рӯз шудаасту ҳолӣ ҳам намехезад? Ҳе, калтаи фитнагар!

- Лаббай, ота. Фарёд кардӣ?

- Доира ку? Лаббай аз сарат монад, шайтон! Чаро ҳалқаҳои онро кандӣ?

- Ман ҳамагӣ дутояшро кандам, ота.

- Дутояшро баро чӣ меканӣ, аблаҳи нокора? Ҳолӣ кор карда, аз пули худат доира хар, баъд мебинем, чанд ҳалқаашро меканӣ, паразит.

- Ота, охир он доираро панҷ сол шуд-ку?! - боз ба гап даромад акаам.

- Даҳ сол шуда бошад - чӣ? Чизро, ки эҳтиёт кардӣ, сад сол ҳам рафтан мегирад.

- Ку, таҳхонаро бикобед, яке он ҷо набошад? - маслиҳат дод хоҳарам Латофат.

- И-и… Дар таҳхона бошад, тамом, - гӯё зиқ шуда бошад, ботаассуф гуфт Шариф. - То ин вақт пӯсташ як сатил об кашид.

- Ту бало доштӣ, ки аз таҳхона гирифта дар ҷои дигар монияш, подабон? - ҳанӯз ҳам паст намешуд ғазаби падарам. - Мӯи сарат думи гадик ворӣ.

- Ман аз саҳар то бегоҳ аз қафои гӯсфандон саргардонам, кай ба доира расидам. Умуман, мани подабон куҷову санъат куҷо?

- Дар ин ҷо нест доира, - аз таҳхона баромад овози хоҳарчаам Гулпарӣ.



- Созтар нигаҳ кун, қутос! - таҳдид кард ӯро Латиф.

- Ту худат кӣ шудӣ, ки ӯро қутос мегӯӣ-а, маймун? - тарафи Гулпариро гирифта, ба ӯ дарафтод Валӣ. - Мезанамат, дар девор мечаспӣ.

- Мезанӣ-а, дароз? Хотири акагит набошад, бардошта мешапамат, тарбуз ворӣ мекафӣ.

- Киро? Маро? - ба ғазаб омад Валӣ ва як торсакии обдор фуровард Латифро.

- Ту маро мезанӣ? - аз ҷой хест Латиф ва башаст давида мисли қӯчқор бо кала ба шиками Валӣ чунон зад, ки Валӣ рафта ба тирезаи хонаи акаам зад. Шишаҳои тиреза майда-майда шуданд.

- Э, бихез, гум шав, дарози беақл, - ба шӯр омад зани акаам. - Омадиву ҷангу ҷанҷолат қатият аст.

- Ту бисёр бидир-бидир накуну рав, хонаи худат даро, - хуни бинияшро поккунон ба сари янгаам Валӣ мушт канд.

- Ту ба сари зани ман мушт меканӣ, аҳмақ? - ба ҷанг ҳамроҳ шудан хост акаам.

- Ақиб гард, аблаҳ, - вайро базӯр боздошт падарам. - Ақиб гард, ки ҳолӣ доираро наёфтед, хуб асабиям. Ҳозир нос барин майда - майдаат мекунам, падарлаънат.

- Шакар барин гӯй, ота. Нос кулут-кулут аст, - ягон мушт ки нахӯрда буд, қофия мезад Вайс.

- Э, гум шав, шоирча. Ёфтӣ вақти қофиябозита. Беҳтараш, давида хонаи хусурат рав. Ба фикрам, доира дар хонаи онҳост. Ду ҳафта пештар ба сари доира омада буд.

**- Хусур, чӣ хелӣ хусурӣ,**
**Ғами маро намехӯрӣ?**
**Доираро, ки бурдаӣ,**
**Гашта биёрӣ, мемурӣ?**

- шеър бофта, Вайс роҳи хонаи хусурашро пеш гирифт.

- Шариф, гӯсфандон ҳуй карданд, ҳе Худо гирад чашмони кӯратро, - баланд шуд овози модарам.

- Гӯсфанд, гӯсфанд. Чӣ фоида ба ман аз онҳо?

- Бирав, гум шав, гӯсфандонро дар ҳел бидоз! Як майда ҷондор аллакай дар фикри фоида аст, - аз нав ба шӯр омад падарам. - Падарлаънатҳо, то чанде калон шуданд, хар шудан мегиранд-е?!

- Ёфтам! - шодикунон аз таҳхона баромад Гулпарӣ.

- Чиро ёфтӣ? - доираи кафидаро дар дасташ дида, дӯғ зад Латофат.

- И-и… кафидаст.

- Э бар падаратон лаънат, галаи товонӣ, - зуқиданашро давом медод падарам. - Чизи обода вайрон кардан-е?!

- Ин доираи кӯҳнаи чандсола, - дилаш сӯхт магар, ки тарафи бачаҳоша гирифтанӣ шуд модарам.

- Хап кун, занаки бесавод. Доира наву кӯҳна мешудааст? Ҳамин қадар сол гӯсфанд мекушем, пӯсташонро сагу пишак мебарад. Сад бор гуфтам, ки нигаҳ дор пӯсти онҳоро, лозим мешавад, кори худатро кардӣ. Ана, ҳозир пӯст медоштем, ҳамон доираи кӯҳна гуфтагиатро нав мекардем. Акнун фаҳмидӣ? Бе-бе-бе-бе…

- Ота, ҳозир як гӯсфандро кушем, чӣ? - бебокона пурсид акаам.

- Гум шав, бемаънӣ! Туро мекушаму гӯсфандро не, - магар якбора ба сари падарам хун зад, ки ранги рӯяш канд.

- Ота, отаҷон, чӣ шуд? Духтур ҷеғ занем? - ба ҳарос афтод Раънояк.

- Ёфт шуд! Ёфт шуд! - аз оғил баромад овози Шариф. - Дар оғил будаст.

- Биёр, бизан доираро, ки бачаи касалиям дар хунукӣ ях кард, - баъди хафагии зиёд каме ба худ омад модарам. - Латиф, гир, ту навоз бачам, метавонӣ.

- Эҳа, чӣ хел менавозӣ инро, кампири сода? О, ин тар-ку?

- Дар газ қоқаш кунед! - овозаи ёфт шудани доираро шунида чашмонашро кушод падарам.

- Гӯгирд нест, як дона ҳам нест. Газро бо чӣ даргиронам? - аз ошхона баромад овози Адолат.

- Ота! - нохост Вайс даромад. - Доираро хусури ман набурда будаст.

- Э, Худо гирад худатрову хусуратро. Рав як бори дигар хонааш, гӯгирд биёр.

- Ота, пасттар дашном диҳӣ, чӣ кор мекунад? Келин шунавад, хафа мешавад, - падарамро насиҳат кард Латофат.

- Э, гум шав, тирмизак. Гунҷишкбача очаша ҷив-ҷив нишон додаст, мегӯянд, рост будааст.

- Ота, чизе ки халқ мегӯяд, рост аст, - ҳоло ҳам нарафта буд Вайс. - Ӯ солҳои сол таҷриба гузаронида…

- Э, гум шав, файласуф, рав, гӯгирд биёр!

**- Маҳтоб гардад гирдогирд,**
**Рафтам барои гӯгирд.**

- шеър бофта, Вайс боз ҷониби хонаи хусураш равон шуд.

- Бас намекунед талабиданро? - боз табъи модарам хира шуд. - Худатон гӯгирд харед, намешавад?

- Хап кун, алошақшақа. Ту дар умрат аз хона набаромада бошӣ, аз куҷо медонӣ, ки дар дунё чӣ гап аст? Биёр, бихар мегӯиву халос. О, набошад, аз куҷо биёрам?

- Ҳозир проблемаи гӯгирд яке аз проблемаҳои муҳими рӯз аст, ота, - хирадмандона гуфт акаам.

- Бобо, ман ду-се дона дорам, биёрам?

- О, бало дорӣ, барвақттар биёрӣ?

- Ура, газ даргирифт! - шодикунон доираро таф медод Адолат.

Ҳамин дам нозада тараққоси доира баланд шуд. Кафид. Ҳама якбора хапу хомӯш гардид. Ҳа! Доираи бо сад азоб ёфтаашон кафид.

Алиҷони бемору бемадорро, ки акнун аз ҳуш рафта буд, аз нав ба шифохона бурданд.

# РАҲМАТУЛЛОПАҲЛАВОН

**Қиссаи нави воқеии Диловари Мирзо, хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум», аз рӯзгори паҳлавони маъруф Раҳматуллои Мирзо ҳикоя мекунад. Порае аз онро пешкаши хонандагон мегардонем.**

Раҳматулло болои теппа баромада, ба рафтори бачаҳои шӯх нигарист. Шояд замони бачагиашро ба хотир овард ва ё ба бачаҳои фориғ аз ғам ҳасад бурд.

- Афсӯс, ки бачаҳо айёми кӯдакиро бефоида мегузаронанд. Агар шароит мебуд, - зери лаб ғурғур кард ӯ, - Ҳоло дар кӯҳистон калонсолон ғами ҷисман обутоб ёфтани бачаҳоро намехӯранд. Андеша намекунанд, ки барои ҷомеаи мо ҷавонони бақуввату тансиҳат мисли обу ҳаво заруранд.

Чанд рӯз пеш ба назди директори хоҷагӣ даромадам, хоҳиш кардам бароям машқгоҳ ҷудо намоянд, аммо ӯ гапи маро шунидан нахост. «Туро чӣ зарурат афтод, ки дар бораи ҷавонҳои совхози мо фикр кунӣ?». Ҳоло барои мо сохтани ферма зарууртар, идораи нав сохтан лозим, гармхона, анбор муҳимтар, - гуфт директор.

Ҳоло дигар ӯ на бачаҳои аспаксаворро медиду на хандаҳои онҳоро мешунид, балки дар оламӣ дигар, дар олами андеша бо гузаштаи хеш дар муҳовара буд.



Кӯдакии ӯ низ дар ҳамин деҳа-деҳаи Тарбулоқ гузашт. Дар он айём касе парвои бачаҳо надошт. Онҳо мисли сабзаи худрӯй ба воя мерасиданд. Боре падараш Мирзо аз маркази ноҳия баргашт, ошуфтаву парешон буд ӯ. Касе ҷуръат надошт аҳволашро бипурсад, аммо амаки Мирзо дами хӯроки бегоҳирӯзӣ пеши аҳли оила арзи ҳол кард:

- Байни ҷавонҳои ҳозира ору номус гуфтани гап намондааст. Мо пирони рӯзгордида бо ҳазор умед ба маркази ноҳия рафтем. Умед доштем, паҳлавонҳои мо дар рӯзи ид табъи болидаи моро болидатар хоҳанд кард. Сад афсӯс, ки гапи хона ба бозор рост намеомадааст. Як бачаи шаҳрӣ баромад, аввал касе ӯро ба назар нагирифт. Ҳамаро рӯи ҳам чид. Паҳлавон будааст. Дигар касе ҷуръати ба майдон баромадан надошт. Аз шарм замин накафид, ки даромада панаҳ барам - е...

Замонҳои пеш ҷавонҳо мисли ҷавонони даврони мо нони муфт намехӯрданд. Умрашон паси сипори говҳо мегузашт. Дари хонаи бойҳо хизмат мекарданд ва бо сад азоб як бурда нони хӯрданӣ меёфтанд, вале рӯзи нанг на аз об тарс доштанду на аз оташ ҳарос.

Раҳматуллои хурдсол, ки борҳо сифати зӯри бозуи Қандилро аз падар шунида буд, ҳоло аз қаҳру ғазаби ӯ ибо накарда, беихтиёр пурсид:

- Қандилпаҳлавон зӯр буд, падар?

- Якбора чеҳраи пирамард гул кард ва аз он қаҳру ғазаб дар чеҳрааш осоре ҳам намонд. Пиёлаи чойро рӯи дастархон гузошт ва тоқиашро аз сар гирифта, паҳлуи пиёлаи чой монд. Як лаҳза ба нуктаи номаълум дида дӯхту сипас риштаи кандашудаи суханашро аз нав пайваст:

- Аҷаб паҳлавон буд. Ҳангоми роҳ рафтанаш кас гумон мекард, ки пойҳояш ба вазни ӯ тоб намеоранду ҳозир меғалтад. Вале ба майдон ки мебаромад, аз нахчир чобуктар мешуд. Он солҳо мардум дар кор обутоб меёфтанд. Қандилпаҳлавон қанори пури гандумро бо як дасташ мебардошт. Мардум мегуфтанд, ки аз паҳлавонони Фарғонаву Дарвоз дасти пир гирифтааст.

Амаки Мирзо боз хомӯш гашт, бо як қулт чой гулӯи хушкидаашро тар карду аз нав ба қисса оғоз намуд.

Солҳои аввали ҳукумати нав мо як гурӯҳ ҷавонони Қалъаи Лаби Об ба Фарғона рафтем. Ана дар ҳамон ҷо касе тӯй доду гӯштин шуд. Ду-се ҷавонмарди қафқозӣ паҳлавонҳои моро пушт ба замин кӯфтанд. Аз дилтангӣ гиряи кас меомад. Даст ба дуо бардоштем. Кош, Қандил меомаду ҷавоби онҳоро медод. Ҳамин вақт аз як гӯшаи биёбон саворе пайдо шуд. Қандил будани ӯро ҳама фаҳмиданд, шодона фарёд заданд. Дар як лаҳза се паҳлавони филтанро пушт ба хок зад. Як ҳафта шоду хурсанд базму бозӣ кардем. Кош, аз сарзамини Қаротегин боз мисли Қандил паҳлавонҳо рӯянд...

Раҳматулло ба нақли падар гӯш медоду ба Қандил ҳасад мебурд. Мехост, нангбардори мардуми кӯҳистон бошад. Дар тӯю маърака ба паҳлавонҳо дастболо шуда, табъи одамонро шод гардонад. Вале ҳанӯз кӯдак буду касе парвои гӯштин омӯхтани ӯро надошт.

Боре дар деҳаи Тоҷикобод гӯштин шуд ва аввал ҷавонон ба майдон баромаданд. Бо ташвиқи дӯстонаш Раҳматулло вориди майдон гашт. Ҳазорон чашм ба ӯ дӯхта шуд ва дар нигоҳи онҳо маъниҳои гуногунро мехонд. Даступо хӯрд, лаҳзае чӣ кор карданро надонисту хост аз майдон берун барояд. Вале шавқи гӯштину ғурури ҷавонӣ ӯро аз райъаш гардонд. Ҳар чӣ бодо бод. Ҳамон рӯз бар се нафар дастболо гардид. Он вақт Раҳматулло дар синфи ҳаштум мехонд. Паҳлавони номии ноҳия Давлатёр дар гӯштин иштирок дошт. Диққати ӯро ҷасорати ҷавон ҷалб кард. Баъд ӯро ба наздаш хонду хеле суҳбат карданд. Аз ҳамон рӯз Давлатёр-паҳлавон ба Раҳматулло нозукиҳои гӯштини тоҷикиро ёд дод. Акнун ӯ ба майдон тез-тез мебаромад. Беибо аз камарбанди ҳарифаш мегирифт. Айёме ки нуздаҳ сол дошт, ба ҳайси намояндаи ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт) барои мусобиқаи гӯштингирӣ ба ноҳияи Ҷиргатол (ҳозира Лахш) рафт. Гӯштин ба хотираи инқилобчии шуълавар яке аз барқароркунандагони Ҳокимияти Шӯравӣ дар Раштонзамин А. И. Шестапалов баргузор гардид. Барои Раҳматулло аввалин имтиҳони ҷиддӣ буд. Дар вазни ҳаштод кило бояд қувва меозмуд. Ба майдон баромаду нигоҳаш ба нигоҳи Давлатёр-паҳлавон бархӯрд аз нобоварӣ нишоне боқӣ намонд. Бо панҷ нафар паҳлавонони ҷумҳурӣ зӯрозмоӣ кард ва бахт ба рӯяш хандид, ба унвони чемпиони республика (ҷумҳурӣ) соҳиб шуд.

Садҳо нафар аз деҳаҳои дуру наздик ба дидорбинӣ ва табрики вай ба зодгоҳаш рафтанд. Ман ҳам дар канор намондам. Бори аввал аз наздик бо ӯ суҳбат мекардам. Ӯ дар бораи комёбиҳояш сухан гуфтан намехост. Кирои таъриф намекунад. Мардум воҳима мекунанд, - мегуфт паҳлавон.

Бародари калонии Раҳматулло назди мо ҳуҷҷату медалҳоро мегузорад. Раҳматулло норозиёна гӯшаи чашм сӯи бародар менигарад. Он ҷо шарҳи рӯзгори Раҳматулло иншо шудааст. «Раҳматулло Ғиёсов, маълумоташ миёнаи махсус, Устоди спорти ИҶШС, чемпиони даҳкаратаи республика (ҷумҳурӣ) оид ба гӯштини дзюдо ва самбо. Чемпиони мутлақи Осиёи Миёна ва Қазоқистон».

Соли 1983 қаҳрамони матлаб дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар Спартакиадаи Осиёи Миёна ва Қазоқистон, ки дар шаҳри Алмаато баргузор гардид, баромад кард. Дар вазни ҳаштоду шаш килограмм чор ҳарифи пурзӯрро мағлуб намуд ва ба гирифтани унвони чемпиони мутлақ сазовор гардид. Дар ҳамон мусобиқа меъёри Устоди спорти ИҶШС-ро ба ҷо овард.

Ӯ нисбат ба худ сахтгир аст. Пайваста меомӯзад. Гӯё ҳанӯз бисёр асрорҳои ниҳонии гӯштинро намедонад. Ҳамроҳи тренераш Устоди варзиши ИҶШС Ҳикматулло Холиқов машқ мекард ва боз дар танҳоӣ. Инак, як сол боз дар деҳаи дурдаст, дар деҳае, ки на машқгоҳ дораду на касе парвои паҳлавонии ӯ. Танҳо халқ бо ӯст. Номи паҳлавонро бо эҳтиром ба забон мегиранд.

Шуҳрати паҳлавонии Раҳматулло аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриҳои ҳамсоя расид. Борҳо ба он тарафҳо даъват шуда, бо сари баланд чун паҳлавони номдори тоҷик баргаштааст.

Боре бевақтии шаб аз Душанбе ба хонаи онҳо меҳмон омад. Ҳамроҳи шахсони ношинос яке аз нахустустодони вай Муривватшо Бачабеков ҳам буд. Шод гардид, ки аз шаҳр ёру дӯстонаш ба суроғи вай омадаанд. Дере нагузашта бояд Раҳматулло бо онҳо ба Самарқанд мерафту ҳамроҳи дигар паҳлавонон қувваозмоӣ мекард. Раҳматулло бо назари суол чашм ба амаки Мирзо дӯхт...

Аз вилояти Қашқадарё Маҳмасаид ном паҳлавони номдори ӯзбек ба Самарқанд омада буд. Пайи ҳам чанд паҳлавони тоҷикистониро мағлуб намуд. Байни маърака бо ифтихор қадам мезаду таги чашм ба сафи камшумори паҳлавонони тоҷик менигарист. Бо маслиҳати дӯстонаш Раҳматулло ба майдон баромад. Баъд аз гузаштани лаҳзаҳои тӯлонӣ Раҳматулло музаффар гашт. Паҳлавонони тоҷик аз хурсандӣ рафиқи худро рӯи даст бардошта, гирди майдон чарх заданд. Садои хандаи онҳо ба атроф ғулғула меафканд. Лаҳзае пас паҳлавони дигар - Уралпаҳлавон вориди майдон гардид. Ин дафъаи сеюм буд, ки бо Раҳматулло қувва меозмуд. Навбати аввал Раҳматулло ғолиб омаду дафъаи дуюм бозӣ мусовӣ анҷом пазируфт. Раҳматулло ҳар бор усулҳои гуногуни гӯштингириро ба кор мебурду ҳарифи пурзӯрашро хаста мегардонд. Оқибат аз гӯштин даст кашид ва чун мағлуб аз майдон баромад. Ба гӯштини онҳо овозхони шинохта Бобомурод Ҳамдамов ҳакамӣ кард.

... Раҳматулло ҳанӯз сари теппаи баланд менишасту бачаҳои шӯхи деҳа савори аспи чӯбин гарди кӯчаро ба ҳаво хезонда, «асп» медавонданд.

Дар ин лаҳзаҳо директори совхоз дар ҳуҷраи корӣ сукут варзида, андеша мекунад. Танҳо андешаи онро дорад, ки нақшаи картошкаву гӯшт ва шир кай иҷро мешавад?

# ЭЪЛОН!

## Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд:

**1. Референти муовини Раиси Маҷлиси намояндагон (категорияи дуюм) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 3054 сомонӣ;**

**2. Сармутахассиси раёсати коргузорӣ, назорат ва қабули шаҳрвандон (категорияи чорум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;**

**3. Сармутахассиси раёсати тарҷума (категорияи чорум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;**

**4. Сармутахассиси раёсати технологияҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ, таҳрир ва нашр (категорияи чорум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;**

**5. Сармутахассиси раёсати хоҷагӣ ва хизматрасонӣ (категорияи чорум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;**

**6. Сармутахассиси шуъбаи молия (категорияи чорум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;**

**7. Мутахассиси пешбари бахши таъмини фаъолияти кумита ва комиссияҳо (категорияи шашум) - 3 ҷой, маоши вазифавӣ - 1494 сомонӣ;**

**8. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ (категорияи ҳафтум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 1228 сомонӣ;**

**9. Мутахассиси раёсати технологияҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ, таҳрир ва нашр (категорияи ҳафтум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 1228 сомонӣ;**

**10. Мутахассиси раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кор (категорияи ҳафтум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 1228 сомонӣ;**

**11. Мутахассиси раёсати хоҷагӣ ва хизматрасонӣ (категорияи ҳафтум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 1228 сомонӣ.**

**ТАЛАБОТ АЗ ДОВТАЛАБОН:**

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи дуюм:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи чорум:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи шашум:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи ҳафтум:**

- таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

**Барои ҳамаи довталабони мансабҳои маъмурии категорияҳои номбурда:**

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани забонҳои давлатӣ ва русӣ, кор бо технологияи муосири электронӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ҳатмист.

**ДОВТАЛАБОН ҲУҶҶАТҲОИ ЗЕРИНРО БА КОМИССИЯИ ОЗМУН ПЕШНИҲОД МЕНАМОЯНД:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 038 УЕ;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкӣ;
- нусхаи шиносномаи шахсӣ;
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

**МУҲЛАТИ ҚАБУЛИ ҲУҶҶАТҲО - 21 РӮЗ АЗ САНАИ НАШРИ ЭЪЛОНИ МАЗКУР.**

**Суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42, телефон барои маълумот: 221-33-07.**

**КОМИССИЯИ ОЗМУН**

ОБУНА - 2023

**ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!** ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНА БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 180 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул карда шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.*

